«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал – майори милитсия

_______________Шарифзода Ф.Р.
«__12__» ______12______ соли 2023

## ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба рисолаи диссертатсионии Негматов Баҳодур Сафарович дар мавзуи: «Тартиби соддакардашудаи пешбурди тафтиши судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Таҳқиқоти диссертатсионии Негматов Баҳодур Сафарович кори илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба яке аз мавзуъҳои мубрами илми ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ – «Тартиби соддакардашудаи пешбурди тафтиши судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ» бахшида шуда, муҳтавои он ба ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мутобиқ мебошад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешаванд. Ҳангоми мутолиаи диссертатсия тарзи навишт, гузориши масъала, сабки навишти диссертатсия саҳми шахсии муаллифро бараъло дидан мукин аст. Илова бар ин, аз тарафи муаллифи диссертатсия дар мақола ва маърӯзаҳо, дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳодҳо ҷиҳати такмил бахшидани қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ватанӣ ва фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда, дар соҳаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи

мурофиаи ҷиноятӣ оид ба тартиби соддакардашудаи пешбурди тафтиши судӣ ироа гардидааст.

Маврид ба тазаккур аст, ки диссертант дар ҳалли як зумра масъалаҳои назариявӣ, ки марбут ба падидаи баррасишаванда мебошанд, ба муваффақият ноил гардида, ҳамзамон андешаҳои илмиеро коркард намудааст, ки онҳо барои рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ метавонанд саҳми назаррас гузоранд:

а) вобаста ба масъалаи таҳлили мафҳум ва моҳияти тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ муаллиф асоснок менамояд, ки тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ моҳияти расмӣ ва ҳуқуқию мурофиавии ҷиноятӣ дорад. Чунки тибқи қонун, аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ, бо асос ва риояи тартиби қатъиян муайяни мурофиавии ҷиноятӣ, ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ амалӣ мешавад. Муаллиф қайд менамояд, ки тартиби соддакардашуда ба саривақтӣ, самаранок ва дар муҳлатҳои кӯтоҳ баррасӣ гардидани парвандаи ҷиноятӣ мусоидат намуда, барои таъмини ҳуқуқу озодиҳои иштирокчиён ва ба инобат гирифтани манфиатҳои онҳо шароит фароҳам меоварад (саҳ. 25). Зеро ба андешаи ӯ бидуни муайян кардани табиати ҳуқуқӣ ва ҷойи тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ дар низоми мурофиаи судии ҷиноятӣ оқилона баҳо додан ва зарурияти мавҷудияти он ҳамчун падидаи мурофиаи ҷиноятӣ, инчунин дурнамои инкишофи минбаъдаи он дар мурофиаи ҷиноятии Тоҷикистон ғайриимкон аст (саҳ. 27).

б) бахши дигари муваффақияти рисоланавис аз нигоҳи назариявӣ дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф ба таърихи пайдоиш ва ташаккули падидаи тартиби соддакардашудаи пешбурди тафтиши судӣ дар қаламрави Тоҷикистони таърихӣ таваҷҷуҳ намудааст. Ӯ асоснок қайд менамояд, ки меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Тоҷикистон дар заминаи як қатор сарчашмаҳои ҳуқуқии таърихӣ ба тадриҷ рушд намудаанд ва ин меъёрҳо танҳо натиҷаи таъсири омилҳои беруна набуда,

балки натиҷаи инкишофи таърихии ҳаёти ҷомеа мебошанд ва заминаҳои боэътимоди фарҳангию ҳуқуқӣ ва маънавӣ доранд. Муаллиф мухтасар инъикос ёфтани падидаи тартиби соддакардашудаи тафтиши судиро дар сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, асоснок намудааст, ки амали низомҳои гуногуни ҳуқуқӣ дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ ба падидаҳои мурофиаи ҷиноятӣ низ таъсири худро расонидааст. Муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёти соҳавӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии таърихӣ инкишофи падидаи тартиби соддакардашудаи тафтиши судиро ба 3 давраи асосӣ ҷудо менамояд: 1) тошуравӣ; 2) шуравӣ ва 3) муосир.

в) самти дигаре, ки муаллиф аз нигоҳи илмӣ ба он муваффақ гардидааст, ин таҳлили муқоисавии ҳуқуқии тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ бо мурофиаҳои соддакардашудаи судии кишварҳои хориҷӣ мебошад. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, муаллиф дар ин бахш якчанд хулосабарориҳои амиқи илмиро анҷом додааст. Аз ҷумла, дар ин қисмат рисоланавис андешаи худро чунин баён менамояд: мутобиқгардонии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон дар рушди падидидаҳои мурофиавии ҷиноятӣ нақши бориз дорад. Дар баробари воридшавии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқи миллӣ таносуб ва бо ҳам мутобиқ намудани онҳо яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Ҳалли дурусти онҳо бо таваҷҷуҳ ба робитаҳои воқеии байниҳамдигарии ҷараёни татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва миллӣ муайян мегардад. Ҳамзамон, рисоланавис дуруст иброз доштааст, киислоҳоти қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ бо дарназардошти таҷрибаи рушди падидаҳои мурофиавии ҷиноятӣ дар давлатҳои хориҷӣ самараноктар хоҳад буд (саҳ. 66-67).

г) Самти дигаре, ки муаллиф аз нигоҳи илмӣ ба он муваффақ гардидааст, ин хулосабарорӣ оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба КМҶ ҶТ мебошад. Ба андешаи муаллиф муқаррароти моддаи 310 КМҶ ҶТ ба талаботи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мувофиқат накарда, хилофи

талаботҳои муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мебошад. Аз ин рӯ, рисоланавис пешниҳод намудааст, ки тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ дар КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар боби алоҳида бо номгузории: «Боби 341. Тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ» муқаррар карда шуда, ба се қисмат ҷудо карда шавад: а) қисмати аввал – меъёрҳое, ки асосҳо ва шартҳои тартиби соддакардашудаи тафтиши судиро муқаррар менамояд; б) қисмати дуюм – меъёрҳое, ки тартиби мурофиавии баррасии парвандаҳои ҷиноятиро мутобиқи падидаи мазкур муайян менамоянд; в) қисмати сеюм – меъёрҳое, ки тартиби қабули ҳукм ва шикоят аз болои онро муқаррар мекунанд.

д) Паҳлуи дигаре, ки муаллиф аз нигоҳи илмӣ ба он муваффақ гардидааст, ин хулосабарорӣ оид ба аҳаммияти ҳуқуқӣ надоштан ҳангоми татбиқ намудани тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ ва бидуни тафтиши пурраи судӣ қабул намудани ҳукм вобаста ба маълумотҳо оид ба шахсияти судшаванда (тавсифнома аз ҷойи кор, таҳсил, вазъи оилавӣ ва ғ.), мавҷуд будани доғи судӣ, дар танҳоӣ ё ҳамиштирокӣ содир кардани ҷиноят, ба майзадагӣ гирифтор будан ё набудани ӯ, ҷойи истиқомат ва кори доимӣ доштан ё надоштан ва ғайра мебошад. Ба назари муаллифи диссертатсия барои татбиқ намудани тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ аҳаммияти ҳалкунандаро ба гуноҳи худ иқрор шудани судшаванда ва ба категорияи ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна мансуб будани кирдор мебозад, ки ин андеша боиси ҷонибдорист.

Дар умум, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки рисоланавис дар ҳалли масъалаҳои илмии марбут ба тартиби соддакардашудаи пешбурди тафтиши судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ муваффақ гардида, нуктаҳои илмиеро манзур намудааст, ки онҳо асоснок ва таҳкимбахшандаи илми ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ мебошанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии**

**дархостшаванда мумкин аст.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки ин аввалин пажӯҳиши мукаммали илмӣ оид ба мафҳум, моҳият, пайдоиш ва рушд, таҳлили муқоисавии ҳуқуқӣ бо мурофиаҳои соддакардашудаи судии кишварҳои хориҷӣ, асосҳо, шартҳо ва паҳлуҳои мурофиавии тартиби соддакардашудаи пешбурди тафтиши судӣ дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар диссертатсия масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ ва паҳлуҳои амалии падидаи мазкур мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳо баҳри такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ оид ба тартиби соддакардашудаи пешбурди тафтиши судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ равона гардидаанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар такмил додани меъёрҳои амалкунандаи қонунгузории ватанӣ мусоидат намуда, дар амалия тартиби танзими мавзуи мазкур зимни фаъолияти мақомоти қонунгузорӣ, судҳо ва дигар мақомот ҷиҳати дуруст татбиқ намудани он, васеъ истифода гарданд. Ҳамчунин, таҳқиқоти пешниҳодшуда метавонад ба ҳайси маводи омӯзишӣ барои донишҷуён, шунавандагон, унвонҷӯён, аспирантон, кормандони ҳифзи ҳуқуқ, судяҳо ва дигар шахсоне, ки ба масълаҳои тартиби соддакардашудаи пешбурди тафтиши судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ диққат зоҳир менамоянд, истифода карда шавад.

Бо мақсади исботи гуфтаҳои каблӣ метавон чанде аз натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсиониро ишора намуд:

– дар нуктаи ҳафтуми пешниҳодҳое, ки хусусияти назариявӣ доранд, муаллиф он андешаеро дарҷ намудааст, ки мавҷудияти асос ва шартҳои тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ дар ҷаласаи судӣ муқаррар карда мешавад, ки иштироки бевоситаи ҳамаи тарафҳои манфиатдорро талаб мекунад ва рисоланавис ба он назар аст, ки дар амалия ин муқаррарот на ҳамеша риоя карда мешавад. Аз ин лиҳоз, ӯ асоснок мувофиқи мақсад шуморидааст, ки ба хотири пешгирӣ аз хароҷотҳои беасос мавқеи тарафҳоро бобати татбиқи чунин тартиб зимни шинос шудан бо маводҳои парванда муайян кардан лозим аст. Ба ақидаи

диссертант, чунин ҳолат имконият медиҳад, ки суд масъалаи мазкурро пешакӣ мавриди омӯзиш қарор дода, масъалаи даъват кардан ва ё накардани иштирокчиёни мурофиаро пешакӣ ҳал намояд. Дар чунин маврид сарфакории хароҷотҳои мурофиавӣ ва баланд бардоштани натиҷабахшии баамалбарории адолати судӣ ҷой дошта метавонад.

– дар нуктаи якуми пешниҳодҳое, ки ба такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ равона гардидаанд, муаллиф андеша дорад, ки дар КМҶ ҶТ падидаи тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ дар доираи як модда (моддаи 310 КМҶ ҶТ) муқаррар карда шудааст, ки ин боиси мураккабӣ дар амалияи мақомоти ҳуқуқтатбиққунӣ гардидааст. Бинобар ин, муаллиф зарур шуморидааст, ки ба таври возеҳ падидаи мазкур дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ муқаррар карда шавад, зеро муқаррароти моддаи 310 КМҶ ҶТ ба талаботи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мувофиқат накарда, хилофи талаботҳои муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мебошад. Аз ин рӯ, диссертант асоснок пешниҳод намудааст, ки падидаи тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ дар КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар боби алоҳида дар шакли зерин: «Боби 341. Тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ» муқаррар карда шавад. Боби мазкур дар КМҶ ба се қисмат тақсим карда шавад: а) қисмати аввал, меъёрҳое, ки асосҳо ва шартҳои тартиби соддакардашудаи тафтиши судиро муқаррар менамояд; б) қисмати дуюм, меъёрҳое, ки тартиби мурофиавии баррасии парвандаҳои ҷиноятиро мутобиқи падидаи мазкур муайян менамоянд; в) қисмати сеюм, меъёрҳое, ки тартиби қабули ҳукм ва шикоят аз болои онро муқаррар месозанд.

– дар нуктаи дуюми пешниҳодҳое, ки ба такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ равона гардидаанд, муаллиф андеша дорад, ки КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби соддакардашудаи тафтиши судиро мувофиқи муқаррароти моддаи 310 танҳо нисбати ҷиноятҳои категорияи начандон вазнин ва дараҷаи миёна муқаррар намудааст. Диссертант асоснок ҳисобидааст, ки татбиқ намудани тартиби соддакардашудаи

тафтиши судӣ нисбат ба дигар категорияҳои ҷиноят (вазнин ва махсусан вазнин) новобаста аз боло рафтани сатҳи ҷинояткорӣ дар мамлакат, афзун гардидани шумораи зиёди воридшавии парвандаҳои ҷиноятӣ ба судҳо ва натиҷабахшии падидаи мазкур дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ, самаранокии он ва дар мӯҳлати оқилона баррасӣ кардани парвандаҳои ҷиноятӣ мувофиқи мақсад нест.

–дар нуктаи сеюми пешниҳодҳое, ки ба такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ равона гардидаанд, рисоланавис асоснок ва саривақтӣ пешниҳод намудааст, ки ба моддаи 272 КМҶ ҶТ қисми 4 дар таҳрири зерин илова карда шавад: «Суд ҳангоми баррасии парвандаи ҷиноятӣ бо тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ танҳо бо таҳқиқи далелҳое маҳдуд мешавад, ки тарафҳо ба онҳо ишора менамоянд».

–дар нуктаи дуюми пешниҳодҳое, ки хусусияти амалӣ доранд, муаллиф пешниҳод намудааст, ки суд метавонад тартиби соддакардашударо дар он сурат татбиқ намояд, ки айби ба судшаванда эълоншуда ва аз тарафи ӯ эътирофшуда барои суд бебаҳс бошад. Дар чунин ҳолат судя метавонад ба татбиқи тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ тасмим гирад. Зимни розӣ набудани судшаванда ба баъзе лаҳзаҳои айбдоркунӣ, ҳаҷми зарари бо ҷиноят расонидашуда ва даъвои граждании пешниҳодшуда норозӣ бошад, пас аризаи ӯ набояд қонеъ карда шавад.

Бояд қайд намуд, ки дар баробари муваффақиятҳои ишорашуда, инчунин дар рисолаи илмӣ баъзе масъалаҳои баҳсноку норавшан ҷой доранд ва онҳоро ба таври зайл метавон иброз намуд:

1. Муаллиф дар диссертатсия (саҳифаи 32) пешбурди суръатнокро яке аз намудҳои пешбурди соддакардашуда нишон додааст, ҳангоми дифои рисола шарҳи бештари масъалаи мазкур, инчунин алоқамандӣ ва бо ҳам наздикии падидаҳои суръатнок ва соддакардашуда тақозо карда мешавад.

2. Масъалаи дигар аз он иборат аст, ки муаллиф аз амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ васеъ истифода менамуд. Чунин ба назар мерасад, ки

таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ камтар истифода шудааст. Бинобар ин, агар дар таҳқиқоти диссертатсионӣ боз ҳам шумораи бештари мисолҳои амалӣ барои асоснок намудани нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодгардида истифода мегардид, хело хуб мебуд.

3. Ҳангоми татбиқи падидаи тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ муаллиф қайд менамояд, ки яке аз шартҳои он ин розигии ҷабрдида аз ҷиноят ба ҳисоб меравад. Оид ба ин масъала бо дарназардошти нуктаҳои назариявӣ ва амалии ҷойдошта муаллифи диссертатсия ба чи хулоса омадааст ва оё мумкин аст бидуни розигии ҷабрдида тартиби мазкур гузаронида шавад.

Бояд зикр намуд, ки эрод ва норасоиҳои ишорашуда ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намегардонанд.

Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқот, алалхусус мазмуни мухтасари таҳлили кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ гардидааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Негматов Баҳодур Сафарович ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Негматов Баҳодур Сафарович ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба

дарачаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, махсусан бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия ва тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст Дар семинар 13 нафар иштирок намуданд: тарафдор 13, зид – нест, бетараф – нест. Протоколи семинари илмӣ – назариявӣ аз 5-уми декабри соли 2023, таҳти №1).

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз ҷониби Арипов Анвар Лутфиллоевич – сардори кафедраи амнияти иттилоотӣ ва технологияҳои рақамӣ, дотсенти кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ (аз рӯйи ихтисоси – 12.00.09) омода шуда, дар маҷлиси кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст. Суратмаҷлиси кафедра аз 07 декабри соли 2023, таҳти №6. Дар ҷаласаи кафедра аз 13 нафар иштирок доштанд: 13 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 13, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:**
Сардори кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети №2
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
майори милитсия Нарзуллозода С.С.

**Ташхисгар:** Сардори кафедраи амнияти иттилоотӣ
ва технологияҳои рақамӣ, дотсенти кафедраи
мурофиаи ҷиноятии факултети № 2 Академияи
ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
полковники милитсия Арипов А.Л.

Котиби ҷаласа:
Профессори кафедраи мурофиаи ҷиноятии
факултети №2 Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
полковники милитсия Муҳитдинзда М.Н.

«Имзои Нарзуллозода С.С., Арипов А.Л.
ва Муҳитдинзда М.Н.-ро тасдиқ менамоям»:
Муовини сардори Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба кор бо ҳайати шахсӣ,
полковники милитсия Шарифзода М.С.
«12» ____12____ соли 2023

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон», 734024, ш. Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулов, 3; Тел.: +(992) 37 226-28-01; факс: +(992) 37 226-60-43; сомона: www.avkd.tj; E-mail: avkdtj@mail.ru.